ТДУ 635.1/.8.044

# ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ САБЗАВОТ ДАР МИНТАҚАИ ҲИСОР

**Пиров Д.Ш., Набиев И.И.,** омӯзгорони калони ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.

***Калимаҳои калидӣ:*** *омилҳо, самаранокии иқтисодӣ, ташаккул, рушд,сабзавоткорӣ, фоида, ҳосилнокӣ.*

Сабзавотпарварӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодѐти кишоварзӣ дар бахши растанипарварӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафҳои стратегии кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ маҳз ба рушди соҳаи мазкур вобаста мебошад. Бояд тазаккур дод, ки айни замон соҳаи сабзавоткорӣ қисми зиѐди маҳсулоти кишоварзии дохиларо истеҳсол намуда, баҳри таъмини босубот ва мутаносиби аҳолии кишвар бо озуқа, таъмини шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва инчунин ҷиҳати татбиқи ҳадафи чаҳоруми стратегӣ, саноатикунонии мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Дар шароити кунунӣ, таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо сабзавот яке аз масоили муҳими иқтисоди миллӣ маҳсуб ѐфта, масъалаи афзун намудани истеҳсоли сабзавот бо назардошти афзоиши босуръати аҳолӣ муҳим ва саривақтист. Дар чунин шароит, мушкилоти мунтазам таъмин намудани аҳолии мамлакат бо сабзавоти тару тоза имконпазир арзѐбӣ гардида, низоми самарабахши нигаҳдории тӯлонии сабзавот ва муносибгардонии корхонаҳои коркарди онро талаб менамояд.

Бо назардошти хусусияти хоси равишҳои такрористеҳсолкунӣ ва мураккабии соҳаи кишоварзии минтақаи Ҳисор ҷиҳати истеҳсол ва коркарди сабзавот дар ҷумҳурӣ ҷойи сеюмро касб карда, зиѐда аз 17,1%-и маҳсулоти сабзавотии мамлакатро истеҳсол менамояд. Мавриди зикр аст, ки минтақаи Ҳисор бо доштани шароитҳои хуби такрористеҳсолкунии васеи сабзавот, ҷиҳати мунтазам бо сабзавоти ботароват таъмин намудани минтақаи сераҳолитарни ҷумҳурӣ шаҳри Душанберо доро мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, зарурати омӯзиш ва дарѐфти захираҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди сабзавот муҳим ва саривақтист. Бо назардошти ин гуфтаҳо, масъалаи омӯзиши омилҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли сабзавот дар минтақаи Ҳисор яке аз масъалаи мубрами замони муосир буда, самти асосии таҳқиқот барои рушди минбаъдаи соҳа мебошад.

Дар шароити инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ ба самаранокии фаъолияти молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолкунандаи сабзавот омилҳои мухталиф таъсир мерасонанд. Қайд кардан бомаврид аст, ки омилҳои ба самаранокии иқтисодии истеҳсоли сабзавот таъсиргузор зиѐд мебошад. Чун қоида, дар мадди аввал таъсири омилҳои ба самаранокии истеҳсоли сабзавот таъсиргузор баррасӣ гардида, сипас вобастагии омилҳо ба самаранокии ниҳоии он мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Аз баррасии сарчашмаҳои илмӣ хулоса кардан мумкин аст, ки дар замони муосир ба ҳаҷми истеҳсоли сабзавот асосан 4 омил таъсир мерасонад: масоҳати майдони кишт, ҳосилнокӣ, таркиби масоҳати кишт ва талафоти ҳосил. Талафи ҳосил яке аз омили асосии таназзулѐбии ҳаҷми истеҳсоли сабзавот баҳисоб рафта, бо сабабҳои объективӣ ва бо айби кормандони хоҷагӣ рух медиҳад, ки бевосита ба самаранокии истеҳсол таъсири манфӣ мерасонад.

Омилҳои номбаргардида дар натиҷаи таъсири мусбии байниҳамдигарӣ метавон ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли сабзавот таъсири назаррас гузоранд. Илова бар ин, ҷиҳати баланд бардоштани шиддатнокии истеҳсолот мавқеи асосиро омили инсонӣ низ ишғол

менамоянд. Дигар ҳамаи омилҳо хоҳу ноҳоҳ аз чунин омилҳои ҳалкунанда вобаста мебошанд.

Ҳар яки ин омилҳо дар навбати худ аз як қатор сабаб ва шароитҳои табиӣ ва ҷойгиршавӣ вобаста мебошанд. Масалан, самаранокии иқтисодии зироатҳои алоҳидаи сабзавотӣ вобаста ба масоҳати майдони кишт, аз махсусгардонии корхона, фармоиши давлатӣ ба намуди маҳсулот, талаботи дохилихоҷагии маҳсулот, шароити бозор, захираҳои замин, захираҳои меҳнатию моддӣ вобастагӣ дорад. Омили дигаре, ки ба самаранокии истеҳсоли сабзавот таъсиргузор аст, ин ҳосилнокии зироатҳо мебошад, ки мо дар боло зикр намуда будем. Ҳосилнокии зироатҳо асосан аз чунин гурӯҳи омилҳо: сифати хоки замин, миқдори нуриҳои минералии истифодашаванда, шароити иқлимӣ, сифат ва навъи тухмӣ, усул ва муҳлати кишт ва дигар омилҳо иборат мебошад. Ҳангоми баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истеҳсоли сабзавот пеш аз ҳама, таъсири омилҳои аввалиндараҷаро муайян кардан лозим аст, зеро ҳаҷми маҳсулоти ба даст омада, мустақиман ба омилҳои аввалиндараҷа вобаста буда, омилҳои дигар таъсири ғайримустақим доранд.




**Расми 1.** Модели омилҳои сохторӣ-мантиқии самаранокии истеҳсоли сабзавот.

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ аз ҷониби мо модели омилҳои сохторӣ-мантиқии самаранокии истеҳсоли сабзавот таҳия карда шуд, ки дар шакли расм оварда мешавад (расми 1)./

Мо омилҳои пурсамари ба ҳаҷми истеҳсоли сабзавот таъсиркунандаро ба се гурӯҳ ҷудо намудем: 1) андоза ва сохтори майдони кишт; 2) ҳосилнокии зироатҳо; 3) талафи зироат.

Гурӯҳи аввали омилҳо андоза ва сохтори майдони киштро дар бар гирифта, ба он махсусгардонии хоҷагӣ, фармоиши давлатӣ, шароити бозор, мавҷудияти захираҳои замин, мавҷудияти захираҳои моддию меҳнатӣ, талаботи дохилихоҷагӣ ба намуди сабзавот, самаранокии иқтисодии намуди алоҳидаи сабзавот (барориши маҳсулот, фоида ба 1 га, маҳсулнокии меҳнат) мансуб мебошанд. Бо назардошти дар шароити камзаминӣ қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъияти омили мазкур маҳдуд гардидааст. Таркиби майдонҳои кишт ба афзоиши ҷамъоварии умумии сабзавот таъсири назаррас дорад. Агар ҳиссаи навъҳои пурмаҳсул дар масоҳати умумии кишт ҳар қадар зиёд бошад, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мустақиман меафзояд. Дар сурати таназзулёбии андозаи масоҳати кишти навъҳои пурмаҳсули сабзавот баръакс ҳаҷми истеҳсоли сабзавот коҳиш меёбад.

Ба гурӯҳи дуюми омилҳо ҳосилнокии зироатҳо шомил буда, ба он сифати коркарди хок, киштгардон, андохтани нуриҳо, сифат ва навъи тухмӣ, ҷамъоварии ҳосил, таркиби механикии хок, мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳо дохил мешаванд. Дар шароити муосир ташаккули самаранокии истеҳсоли сабзавот бо назардошти афзоиши ҳосилнокӣ ба мақсад мувофиқ буда, омили мазкур ба рушди соҳаи баррасишаванда таъсири назаррас дорад. Бо баробари баланд шудани ҳосили зироатҳо, ҳосили умумӣ низ меафзояд ва дар ҳолати баръакс паст гардидани ҳосилнокӣ боиси норасоии маҳсулот мегардад.

Ба омилҳои гурӯҳи сеюми талафи ҳосил дохил мешавад, ки ин омил бо айби худи корхона ва шароити иқлимии он вобаста мебошад. Талафи ҳосил ба ҳаҷми истеҳсоли сабзавот таъсири мустақим дошта, ин омил метавон бо сабабҳои объективӣ ва бо айби худи корхона ба вуқӯъ ояд.

Бояд иттилоъ дод, ки мо танҳо бо омӯзиши омилҳои ба самаранокии истеҳсоли сабзавот таъсиргузор, натиҷаи фаъолияти соҳаи мавриди назарро дар охир баҳо дода наметавонем. Нишондиҳандаи дигаре, ки самаранокии иқтисодии фаъолиятро дар умум ҷамъбаст менамояд, ин фоида ва даромаднокӣ мебошад.

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ самаранокии фаъолияти босамари истеҳсолкунандагони сабзавот тавассути фоидаи ба даст овардашуда арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили шароити босамари хоҷагиҳои сабзавоткор дар мақолаи мазкур омилҳои ба фоида таъсиррасон низ иборат аз ду гурӯҳи омилҳо: омилҳои дохила ва беруна пешниҳод карда шудаанд (расми 2).

Дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои сабзавоткор аз бисёр ҷиҳат аз шароитҳои дохила ва беруна вобаста мебошад. Аз ин рӯ, мо дар расми 2 омилҳои асосии ба тағйирёбии фоида мусоидаткунандаро иборат аз ду бахш пешниҳод намудем, ки шароити беруна ва дохилаи корхонаро дар бар мегиранд.

самараи иқтисодӣ аз дуруст сари вақт гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ




**Расми 2.** Омилҳои ба фоидаи хоҷагиҳои сабзаворкор таъсиркунанда.

Одатан хоҷагиҳои сабзаворкор омилҳои дохиларо имкони назорат кардан дошта, метавон тавассути ин гурӯҳи омилҳо самаранокии соҳаро тақвият диҳанд. Баҳои миқдории омилҳои дохилиистеҳсолӣ дар ҳолати такмили техникӣ ва ташкилии истеҳсолот дода мешавад: баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, таҳкими маҳсулнокии меҳнат, афзоиши боздеҳии захира ва пӯшонидани харочот, интихоби каналҳои самарабахши фурӯш, ҳавасмандии моддии кормандон, баланд бардошани сифати меҳсулот, сиёсати нархгузории корхона, кам кардани харочот ҷиҳати ташаккули фоида ва даромаднокӣ, таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва барориши маҳсулот, дараҷаи маълумотнокию тахассусмандии кормандон, самараи иқтисодӣ аз дуруст сари вақт гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ ва ғайраҳо.

Умуман, гурӯҳи омилҳои дохилӣ дар сатҳи корхона гуногунчабҳа шуда метавонанд. Миқдор ва мазмуни онҳо барои ҳар як корхона вобаста ба махсусгардонӣ, сохтор, давраи фаъолият ва вазифаҳои ҷорию дурнамо хусусияти худро доранд [2].

Ба гурӯҳи дуюми омилҳо яъне омилҳои беруна бошад, бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ, танзими давлатии нархҳо ва сиёсати муассири қарзӣ, рушди инфрасохтори бозор, имтиёзи андозбандӣ ва суғурта, муносибат бо шарикони савдо, низоми фармоиши давлатӣ, ҳаҷм ва сифати захираҳои табиӣ дохил мешаванд. Омилҳои берунаи рушди самаронкии иқтисодии сабзавот асосан аз омилҳои талабот ва тақозо вобастагӣ дошта, муҳити берунаи кохонаро дар бар мегиранд. Ин гурӯҳи омилҳо идоранашаванда буда, аз ҷониби субъектҳои сабзавот ба танзим даровардa

намешаванд.

Дар шароити инкишофи босуръати муносибатҳои хоҷагидорӣ рушди самаранокии иқтисодии истеҳсоли сабзавот бо назардошти омӯзиши маҷмӯи омилҳои дохилаю беруна имконпазир аст. Тавассути ин омилҳо муносибатҳои иқтисодии дохилихоҷагӣ, асосноккунии андозаи оқилона ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ, сохтори истеҳсолот ва дигар ҷабҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ такмил ѐфта, ба ташаккулѐбии самаранокии соҳа заминаи мусоидат мегузоранд.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки самаранокии иқтисодии истеҳсоли сабзавот аз бисѐр ҷиҳат аз омилҳои сохторӣ-мантиқии истеҳсолӣ ва омилҳои дохилаю берунаи самаранокии ниҳоии хоҷагидорӣ вобаста мебошад.

Дар марҳилаҳои минбаъдаи таҳқиқот, бо мақсади таҳқиқи омилҳои ба самаранокии сабзавот таъсиргузор ва дарѐфти захираҳои афзоиши он, таҳлили дитерминантии омилӣ бо усулҳои муосири баҳодиҳӣ, ба монанди усули фарқияти мутлақ, усули гузориши занҷирӣ ва усули фарқияти нисбӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

**Адабиѐт**


1. Вахидов В.В. Таджикистан: Проблемы модернизации сельского хозяйства. Монография- Душанбе: Ирфон, 2007. - 432 с.
2. Набиев И.И. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ: кори диссертатсионӣ, номзади илми иқтисодӣ-Душанбе, 2020-137с.
3. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятий АПК. Учебник - Москва, ИНФРА-М, 2011. - 652 с.
4. Элмуродов З. Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. Китоби дарсӣ " Душанбе: Ирфон, 2013. -116 с.



**АННОТАЦИЯ**

**ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА ОВОЩЕЙ В ГИССАРСКОЙ ЗОНЕ**

В данной статье приводятся результаты исследования по повышению экономической эффективности производства овощей, эффективные методы производства овощей в современных условиях. Так, на основании изучения научных первоисточников и мнений ученых экономического направления, была предложена модель адекватных структурно- логических способов эффективного производства овощей, которая способствуетповышению экономической эффективности овощеводческих хозяйств.



***Ключевые слова:*** *методы, экономическая эффективность, повышение, развитие, овощеводство, прибыль, урожайность.*



**АННОТАТСИЯ**

**ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ САБЗАВОТ ДАР МИНТАҚАИ ҲИСОР**

Дар доираи мақолаи мазкур масоили ташаккулѐбии самаранокии иқтисодии истеҳсоли сабзавот баррасӣ гардида, омилҳои босамари истеҳсоли сабзавот дар шароити муосир таҳқиқ гардидаанд. Инчунин, дар асоси омӯзши сарчашмаҳои илмӣ ва ақидаи олимони соҳаи иқтисод модели омилҳои сохторӣ-мантиқии самаранокии истеҳсоли сабзавот пешниҳод гардидааст, ки дар худ хусусиятҳои инкишофи самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои сабзаворкорро таҷассум мекунад.



***Калимаҳои калидӣ:*** *омилҳо, самаранокии иқтисодӣ, ташаккул, рушд, сабзавоткорӣ, фоида, ҳосилнокӣ.*



**ANNOTATION**

**INCREASING FACTORS OF THE ECONOMIC EFFICIENCY OF VEGETABLE PRODUCTION IN THE GISSAR ZONE**

This article presents the results of the study on increasing the economic efficiency of vegetable production, effective methods of vegetable production in modern conditions. So the based on the study of scientific primary sources and the opinions of scientists in the

economic direction. The model of adequate structural and logical ways of efficient vegetable production was proposed, which contributions to the economic efficiency of vegetable farms.

***Key words:*** *methods, economic efficiency, growth, development, vegetable production, profit, yield.*